«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди
маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
_____________профессор Иматзода Л.
13 майи соли 2022

# ХУЛОСАИ

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовна дар мавзӯи "Шароитҳои педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш (дар мисоли Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовна 13.11.1983 дар ш. Турсунзода, ҷамоати Қаратоғ, деҳаи Куйбышев (ҳозира Даҳбед) таваллуд шудааст. Мавсуф пас аз хатми Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2007 ба ҳайси омӯзгори фанни тарбияи ҷисмонӣ ва мураббӣ оид ба намуди варзиши сабук дар мактаби бачагонаи захираҳои олимпии №3-и ш.Душанбе оғоз намудааст. Дар давраи омода намудани диссертатсия мавсуф аз соли 2010 то инҷониб ба ҳайси омӯзгор дар кафедраи менеҷмент ва сайёҳии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов фаъолият менамояд. Солҳои 2018 – 2020 ба ҳайси унвонҷӯ дар бахши аспирантура ва докторантураи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ фаъолият кардааст.

Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовна унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ буда, имтиҳонҳои минимумро аз фанни Таърих ва фалсафа – аъло, Забони англисӣ – хуб ва Педагогика – ихтисосро бо баҳои хуб супоридааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои педагогӣ Сафаров Шодӣ Асомуродович.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти минимуми номзадӣ аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 17-уми апрели соли 2020, тахти № 675 дода шудааст.

Диссертатсияи Давлятбоева С. дар ҷаласаи васеи шуъбаи технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ибтидоии ҳарбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муҳокима гардида, барои баррасӣ ба семинари илмӣ – методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф пешниҳод гардидааст. (Суратҷаласаи шуъба аз 22. 04. 2022, №04).

Семинари илмӣ-методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовнаро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, ба чунин хулоса расид.

Диссертатсияи номзадии Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовна мубрам ва дархӯри замон буда, мавзӯи таҳқиқотӣ тақозо менамояд, ки дар шароити муосир ҷомеа ва давлат ба рушди салоҳиятнокии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намоянд. Интизор меравад, ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ на танҳо ба иҷрои шаклҳои алоҳидаи кори мустақилона, балки ба амалисозии фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ дар раванди таҳсилоти муттасил ҷавобгӯ бошанд.

Муҳаққиқ дар робита ба мақсаду объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот вазифаҳои зеринро анҷом додааст:

- зарурат ва аҳамияти ҷорӣ кардани фанни таълимии «Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш»-ро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян намудааст;
- вижагиҳои методологӣ ва педагогии таълими сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро муайян кардааст;
- шароити педагогии ташаккули фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ошкор намудааст;
- механизмҳои таъмини тайёрии омӯзгор ба ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯёнро дар машгулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш муайян намудааст;

- самти ташкили раванди таҳсилот мутобиқ бо амсилаи тадриси фанни таълимии «Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш»-ро муайян намудааст;

- таҳқиқоти таҷрибавии шароити педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯёнро дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов роҳандозӣ намудааст.

Бо иҷрои мақсаду вазифаҳо унвонҷӯ ба навгониҳои илмии зерин комёб шудааст:

- таъсири муносибати дифференсиалӣ ё худ фарққунанда доштани омилҳо ба рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ДТҶТ ба номи С. Раҳимов дар асоси баҳисобгирии шавқу рағбат ва дастоварди онҳо дар фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ асоснок карда шуд;
- мувофиқати шаклҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ дар ташкили фаъолнокии маърифатӣ ва ягонагии амал асоснок карда шуд;
- дар асоси нишондиҳандаҳои натиҷаи озмоиш вижагиҳои фаъолнокии маърифатии донишҷӯён ошкор ва душвориҳое, ки дар раванди амалисозии фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ донишҷӯён бо он рӯ ба рӯ мегарданд, маълум ва баррасӣ карда шудаанд;
- вобастагии рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён аз маҳорати педагогии омӯзгорон ва кӯмаки рафиқон исбот карда шуд;
- аҳамият ва имконоти фаъолнокии маърифатӣ барои интиқолоти мутақобилаи малакаҳо дар ҳалли масъалаҳо ҳангоми дарс ва берун аз дарс нишон дода шуд;
- барои аввал моҳияти таълимӣ-педагогии падару модарон оид ба муаммои рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда, таҳияи барномаи омодагии омӯзгорон ва падару модарон барои рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар шароити кунунӣ, таҳияи амсилаи (модели) ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва маводи ташхисӣ барои ошкор намудани мушкилиҳо дар ин самт, ки дар раванди машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши

муассисаҳои таълимии тарбияи ҷисмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва пешниҳод гардидаанд ва барои рушди фаъолнокии маърифатии донишомӯзон ёрии амалӣ мерасонанд, ифода меёбад.

Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди машғулиятҳои омӯзгорони сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши муассисаҳои таълимии тарбияи ҷисмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода кард.

Таҳқиқоти илмии Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовна имкон медиҳад, дар асоси муносибати ҳадафмандона масъалаи татбиқи шароитҳои педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷуён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳаллу фасл карда шавад.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои илмии зерини дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷӯ пурра мазмуни рисоларо фаро мегиранд:

1. Давлятбоева, С.А. Мушкилоти сотсиологии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш / С.А. Давлятбоева // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. - Душанбе, 2019. № 2. - С. 61-64.
2. Давлятбоева, С.А. Аҳамияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ҳаёти инсон /С.А. Давлятбоева// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, -2019. № 3. - С. 288-291.
3. Давлятбоева, С.А. Омилҳои асосии рушди оммавияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш / С.А. Давлятбоева// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, -2019. № 8. - С. 306-308.
4. Давлятбоева, С.А. Таҳлили сотсиологии муносибати донишҷӯён нисбати арзишҳои фарҳанги бадан ва тарбияи ҷисмонӣ/ С.А. Давлятбоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе. – 2019. № 10. - С. 311-316.
5. Сафаров, Ш. А., Давлятбоева, С.А. Методология ва вижагиҳои педагогии таълим додани сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш /С.А.Давлятбоева//Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.-Душанбе. –2020, №4 (37). -С.85 – 95.
6. Давлятбоева, С.А. Ташкил намудани раванди таҳсилот мутобиқи амсилаи педагогии тадриси фанни таълимии сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш /С.А. Давлятбоева//

Паёми Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. -Душанбе. -2020. №4 (4). -С.169 - 175.

7. Давлятбоева, С.А. Шароитҳои педагогии ташаккули фаъолияти иҷтимоӣ фарҳангии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш /С.А. Давлятбоева// Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - Душанбе. -2021. №1 (38). -С.48 - 54.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиёни ҷаласаивасеисеминарииилмӣ-методӣҷаласақарор кард:

1. Диссертатсияи илмии Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовна дар мавзӯи “Шароитҳои педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷуён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш (дар мисоли Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов)” кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовна дар мавзӯи “Шароитҳои педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷуён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш (дар мисоли Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон баноми С. Раҳимов)” ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовна дар мавзӯи “Шароитҳои педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷуён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш (дар мисоли Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов)” барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6О.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз ҷониби котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ, номзади илмҳои педагогӣ Ҷонмаҳмадова Г. мураттаб шуда, дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ- методии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ аз 13 майи соли 2022, протоколи №05 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “Тарафдор” - 17 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, роҳбари семинари
илмӣ- методии Пажӯҳишгоҳи рушди
маориф ба номи Абдураҳмони
Ҷомии АТТ, номзади илмҳои педагогӣ Туронов С.Ш.

Котиби семинари илмӣ- методии
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ,
номзади илмҳои педагогӣ Ҷонмаҳмадова Г.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734063, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. Айнӣ, 126
Тел.: 2 25 84 06, 2 25 84 09
Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

Имзои С. Туронов ва Г. Ҷонмаҳмадова дуруст аст.

Мудири шуъбаи кадрҳои
ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ Ҳакимова Х.

ШУЪБАИ КАДРҲО